12485 - Манъи адои намоз ҳангоми тулӯъ ва ғуруби офтоб

савол

Агар мусулмон ҳангоми тулӯъ ё ғуруби офтоб намоз гузорад, ин амали ӯ ба намоз гузоштан миёни ду шохи шайтон монандӣ дорад. Дар ин ду вақт намоз хондан ҷоиз нест. Илова бар ин, гуфта мешавад, ки маҳз дар ҳамин ду вақт ҷинҳо барои шайтон намоз мегузоранд. Оё ин ҳадиси саҳеҳ аст?

Ҷавоби муфассал

Бале, дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ (581) ва "Саҳиҳ"-и Муслим (831) аз хондани намоз пас аз намози бомдод то тулӯи офтоб ва ба андозаи як найза баланд шудани он, инчунин аз хондани намоз дар вақти завол (қиём)-и офтоб дар ними рӯз ва аз хондани намоз пас аз намози аср то ғуруби офтоб наҳӣ (манъ) омадааст.

Ва паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додааст, ки офтоб байни ду шохи шайтон тулӯъ ва ғуруб мекунад ва кофирон дар ҳамин вақт ба он саҷда мекунанд.

Шайх Саъд Ал-Ҳумайд

Дар ҳадис ҳеҷ ишорае нашудааст, ки ҷинҳо дар ин вақт барои шайтонҳо намоз мегузоранд. Балки шайтонҳо худ аз ҷумлаи ҷинҳои саркаш ва нофармон мебошанд.